**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзуи “Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Мусаллам аст, ки дар шароити таъмини рушди соҳаҳои калидии иқтисодиёти мамлакат, яъне соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат, соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла қисми таркибии соҳаи савдо - савдои чакана бояд ҷавобгӯи талаботи давру замон бошад. Соҳаи савдои чакана дар қатори дигар соҳаҳо дар таъмини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро ишғол намуда, бахши муҳими соҳаи хизматрасонӣ ва омили калидии таъмини бозори истеъмолии кишвар бо молу хизматрасонӣ ба шумор меравад. Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаи савдои дохилӣ ҳамчун сарчашмаи ворид гардидани воситаҳои пулӣ, қисми назарраси буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро ташаккул медиҳад, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда, ба ин васила ба устувории вазъи иқтисодию молиявӣ дар кишвар замина мегузорад. Таъсири назарраси савдои чакана ба таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ тақозо менамояд, ки таҳқиқи амиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии тамоюл, қонуният ва ихтилофҳои рушди савдои чакана ва ташаккули механизми самараноки таъмини рақобаттавонии субъектҳои он амалӣ гардонида шавад.

Аз ин рӯ, мавзӯи интихобгардидаи диссертатсияи Лутфулоев М.Д. мубрам арзёбӣ мегардад.

Кори илмии мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз бахшида шудааст ва дар он муаллиф кушидааст, ки дар асоси омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ асосҳои методологии рушди фаъолияти савдои чаканаро дар шароити иқтисоди рақамӣ ба роҳ монад, мушкилоти мавҷудаи монеашавандаро дар ин самт муайян намояд ва оид ба рушду инкишофи субъектҳои савдои чакана дар асоси татбиқи технологияҳои рақамӣ тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо пешниҳод намояд.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ чунин мешуморад, ки амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба рушди фаъолияти субъектҳои савдои чакана мусоидат намояд. Дар таҳқиқот муайян карда шудааст, ки ба қатори нишондиҳандаҳои асосии рақамикунонии корхонаҳои савдо такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори истеъмолии шаҳр барои субъектҳои савдои чакана; амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии нархии молу хизматрасонӣ татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана; дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана; такмили низоми ҷойгирсозии шаклҳои

корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана дохил мешаванд.

Ба андешаи довталаб, барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва рушди корхонаҳои савдо механизми рақамикунонии фаъолияти субъекҳои савдои чакана накши муҳим мебозад.

Дар рисола диққати махсус ба таҳия ва асоснок намудани самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд дар шароити татбиқи технологияҳои рақамӣ равона карда шудааст.

Дар диссертатсия ҳамчунин тавсияҳо оид ба такмили механизм ва татбиқи амалии рақамикунонии фаъолияти субъектҳои савдои чакана асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

Умуман, муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар автореферат новобаста ба ҷиҳатҳои мусбати зиёд дар самти таҳқиқи масъалаи додашуда, баъзе камбудиҳои зерин низ дида мешаванд:

1. Дар автореферат оид ба ташаккули инфрасохтори рушдёфта ва ташаккули равандҳои рақамикунонӣ дар рушди савдо сухан меравад, аммо шарҳу эзоҳ ва моҳияти фаъолияти чунин самтҳо оварда нашудааст.
2. Дар саҳифаҳои алоҳидаи автореферат баъзе хатогиҳои имлогӣ ва техникӣ мушоҳида мешавад.

Аммо эродҳои пешниҳодшуда ба аҳамияти илмии таҳқиқот таъсири назаррас надоранд ва эътибори онро паст намекунанд.

Умуман, диссертатсияи Лутфулоев М.Д. кори илмии пурра ба анҷом расонидашуда ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи онро сазовор шудан ба дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) сазовор медонем.

Мудири кафедраи
иқтисодиёти байналмилалӣ
Донишгоҳи технологи Тоҷикистон
н.и.и., и.в. дотсент — Азимова М.Т.

*"Имзои н.и.и., и.в. дотсент Азимова М.Т-ро тасдиқ менамоям"*

Сарори шубаи кадрҳо ва
корҳои махсусуи ДТТ: — Бухориев Н. А.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ